Марзия Чукор

# Кадуи Ғелон



Дар як мазрааи сарсабз кулбае қарор дошт, дар он кампири меҳрубоне зиндагӣ мекард. Як рӯз кампир хост ба дидани духтараш, ки нав бачадор шуда буд, биравад.




КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1/0 | 3.2014 | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ҶДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

Хонаи духтар дар он тарафи ҷангал буд. Кампир аз гови ҳиноирангаш шир дӯшид ва ба лонаи мурғҳо рафта, як сабад тухм бардошт. Як дастмол пури нони ширмол тайёр карду ба роҳ баромад. Рафту рафт ва ба ҷангал расид.





Ногаҳон як шери калон сари роҳи ӯ пайдо шуд. Вай гуфт:
– Баҳ-баҳ! Эй кампир, куҷо шитоб дорӣ? Ин ҷо бимон, ки шикамы соҳибмурда хеле гурусна аст!

Кампири бечора, ки аз тарс меларзид, гуфт:
– Салом ҷаноби Шер! Ҳақ бо туст, ман хеле шитоб дорам. Бояд зудтар хонаи духтарам равам, ки нав кӯдак таваллуд кардааст. Мехоҳам рафта аз, аҳволаш хабар гирам.

Шер наъраe кашиду гуфт:
– Ман ба ин чизҳо кор надорам. Ман гуруснаам.

Кампир каме фикр карду гуфт:

– Охир мани кампир чор пора устухонам, ақаллан бигзор, хонаи духтарам равам, хуб гизо бихӯраму фарбеҳ шавам. Қавл медиҳам, ки бармегардам, баъд ту маро бихӯр.

Шер нигоҳе ба сар то пои кампир андохту гуфт:

– Хароб ҳам нестӣ, аммо боз фарбеҳтар шавӣ, хуб аст. Вале вой ба ҳолат, агар дурӯғ гуфтӣ. Акнун рав ва худатро фарбеҳ кун. Ман мунтазир мешавам.



Кампир роҳашро давом дод ва ҳанӯз ба худаш наомада буд, ки як паланги хушхатухол аз пешаш баромаду гуфт:

– Баҳ-баҳ! Кампир, куҷо меравӣ?

Кампир бо тарсу ларз гуфт:

– Хонаи духтарам меравам. Набераам ба дунё омадааст.

Паланг қоҳ-қоҳ хандиду гуфт:

– Чӣ хизмат кунам?

Кампир, ки медонист паланг чӣ нақша дорад, гуфт:

– Медонам, ки мехоҳӣ маро бихӯрӣ.



Бигзор, хонаи домодам равам, ки ғизо хӯраму фарбеҳу фарбеҳтар шавам. Қавл медиҳам, ки бармегардам, то ту маро бихӯрӣ.

Паланг каме фикр карду гуфт:

– Майлаш, рав ва фарбеҳтар шав, вале аз ёдат наравад, ки ман хеле асабонӣ мешавам ва он вақт....

Кампир қавл доду зуд аз паланг дур шуд. Хеле тарсида буд ва дуо мекард, ки тезтар ба хонаи духтараш расад.



Вақте сарашро боло кард, чашмаш ба як гурги ваҳшӣ бо дандонҳои тез афтод. Гург лабҳояшро лесиду гуфт:

– Аҷаб рӯзи хубест! Ғизо бо пойи худаш омад!

Дасту пои кампир ба ларза афтод ва гуфт:

– Салом, ҷаноби Гург. Ман арзандаи шиками ту нестам. Иҷозат деҳ, ба хонаи духтарам равам, вақте фарбеҳу фарбеҳтар шуда, ба ин ҷо баргардам, баъд ту маро бихӯр, нӯши ҷонат!



Гург бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳ карду гуфт:
– Фикр кардӣ, ки метавонӣ маро фиреб кунӣ? Ман ҳозир хеле гушнаам, дигар сабр карда наметавонам.

Кампир, ки аз тарс қариб буд аз ҳуш биравад, гуфт:
– Бигзор, то бо худ духтару набераамро ҳам биёрам.

Гурги тамаъкор қабул кард ва кампири бечора аз гург ҳам гурехта ба хонаи духтараш расид.



Кампир чанд рӯз он ҷо монд ва набераи хушрӯяшро нигаҳбонӣ кард. Рӯзи бозгашт ба хонааш зиқ шуд.

Духтари кампир аз аҳволаш бохабар шуду пурсид:

– Модарҷон, чаро зиқ шудед?

Кампир оҳе кашиду гуфт:

– Дар фикри онам, ки чӣ гуна аз ҷангал гузашта, ба хонаам равам.

Баъд ҳамаи воқеаро ба духтараш нақл кард.





Домоди кампир гуфт:
– Холаҷон, беҳтараш бо мо зиндагӣ кунед, баргаштани шумо хеле хатарнок аст.

Кампир ҷавоб дод:
– Наметавонам, писарам, охир, касе нест, ки гову мурғҳоямро нигоҳдорӣ кунад.

Духтар, ки хеле зирак буд, ба фикр фуру рафт. Ногаҳон аз ҷо париду бо хурсандӣ гуфт:
– Ман як нақша дорам.

Баъд ба шавҳараш гуфт:
– Зуд бош, рафта, аз боғча калонтарин кадуро чида биёр.



Духтари кампир даруни кадуро холӣ кард ва ҷои чашм дуто сӯрох кард.

Кампир даруни каду нишаст ва духтару домодаш ӯро тела доданд. Каду ғелзанон аз теппа поён рафт. Рафту рафт ва ба ғурги танбал расид, ки ҳамон ҷо интизор нишаста буд.

Гург аз каду пурсид:

– Каду, каду, як кампири мурданӣ надидӣ?

Каду ҷавоб дод:

– Дидам, дар хонаи духтараш буд ва худашро фарбеҳ мекард.

Гург хурсанд шуду кадуро тела дод. Каду ғелзанон рафту рафт ва ба паланг расид.



Паланг ба каду гуфт:
– Каду, каду, зуд бигӯ, ягон кампир надидӣ?
Каду ҷавоб дод:
– Албатта, дидам. Дар хонаи духтараш буд, хуб мехӯрду мехобид, то фарбеҳ шавад.

Қанд дар дили паланг об шуд ва кадуро тела дод. Каду гелзанон рафту рафт ва ба шер расид, ки ҳамон ҷо нишаста буд.





Шер бо панҷаҳои тезаш кадуро ниғоҳ дошту пурсид:
– Каду, каду, ту як кампири хурдро надидӣ? Ин қадар дер кард.

Каду ҷавоб дод:
– Як кампире дидам, ки дар хонаи духтараш буд. Хеле фарбеҳ шуда буд ва мехост ба хонаи худаш баргардад.

Шер бо ғурур гуфт:
– Вай ғизои ман аст! Оби даҳонам рафт.

Баъд кадуро тела дод ва кампир ғелзанон рафту ба хонааш расид. Шеру палангу гург ҳоло ҳам интизори кампир нишаста, ҳавас мехӯранд.



## Кадуи ғелон

| | |
|---|---|
| Нависанда | Марзия Чукор |
| Баргардони | Соро Масъудиён |
| Рассом | Ҷалилова З. |
| Муҳаррир | Салими Зарафшонфар |
| Тарроҳ | Фируз Аскаров |

ISBN 978-99947-813-4-8

9 789994 781348

Ба чопаш 5.12.2011с. имзо шуд.
Андозаи 70x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2. Чопи офсет.
Қоғази офсетӣ. Адади нашр 1000 нусха
Дар ҶДММ "Орбита" чоп шудаст

Муассисаи нашриявии "Рушан", ш. Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, 72
Тел.: 236-89-31, 93-440-13-34. E-mail: rushan75@mail.ru

"РУШАН"